**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” доктори илмҳои таърих, профессор
_____________Усмонзода Аюб Ислом
“____” ________ 2025 с

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

**Мубрамияти таҳқиқот.** Дар пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа дар ҳамаи давру замонҳо шахсони алоҳида, ки маҳорату қобилият, лаёқату истеъдоди эҷодкорӣ доранд, ҳиссагузор буданд ва дар ҷомеаи тезтайғирёбандаи кунунӣ низ ин падидаро нодида гирифтан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, доир ба масъалаи қобилиятнокӣ, лаёқатмандӣ, соҳибистеъдодии инсон фикру ақида, муносибату баррасии андеша, назария, консепсия, роҳёфти гуногун дар рисолаи илмӣ арзи вуҷуд доштанд ва доранд.

Дар даврони истиқлолият дар ҷумҳурии Тоҷикистон созмонҳои беназири таълимӣ таъсис дода шуданд, ки ба рушду такмили қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии кӯдакону наврасон нигаронида шудаанд. Ин муассисаҳо тамоми шароитҳои заруриро барои таҳқиқот ва ташхис, инчунин барои тарбия ва ташаккули шахсиятҳои дорои тафаккури эҷодӣ ва равишҳои навоварона фароҳам овардаанд. Раванди рушди бомуваффақияти илму маориф ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мутахассисон дар сатҳи баланд қарор дошт.

Дар замони муосир дар инкишофи қобилияти эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ аз шакл ва усулҳои гуногун истифода мегардад, ки тавассути илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст. Хусусияти бонизомии фаъолияти мавҷуда ва равиянокии онро ба ҷаҳони ниҳоии таълиму тарбия - ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдакони синни томактабӣ дар ҷанбаи иҷтимоию фарҳангии ҷомеа инъикос мекунад.

Муҳиммият ва зарурияти масъалаи мазкур дар таҳқиқи муҳаққиқони муосир П.В.Плеханов., Н.Г.Куприна ва дигарон баррасӣ гардида, асоси

психологии он дар таҳқиқоти Л.С.Виготский, Б.М.Теплов, Б.В.Асафев, А.Г.Ковалёв, А.Н.Леонтев ва дигарон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар ин замина дар илми педагогика масъалаи инкишофи қобилияти эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ, ки дар адабиёти мавҷудаи илмии осори олимони варзидаи тоҷик М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, И. Каримова, Б.Маҷидова, Л.М. Иматзода, Х.М. Сабурӣ, М.И.Иззатова, Н.М.Юнусова, Л.М.Тоҷибоева, М.И.Обидова, Ш.П.Котибова, Г.А.Қурбонова, З.Ш. Қурбонова, С.С.Бобохонова, М.Ҳ.Акрамова ва дигарон ишораҳо ҷой доранд.

Аз ин ҷиҳат, мавзуи интихоб намудаи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, маҳз ошкорсозӣ ва асосноккунии назариявӣ ва дар озмоиш мавриди санҷиш қарор додани шароит барои инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ ҳадафи асосии рисола маҳсуб меёбад.

**Мақсади таҳқиқот:** дар асоси тадқиқоти илмӣ-назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ ошкор намудани имкониятҳои истифодаи бозиҳо барои рушди кӯдакони синни томактабӣ дар машғулиятҳои мусиқӣ.

Зимни таҳқиқот **вазифаҳои зерин** иҷро шуданд:

1. Таҳлили хусусиятҳои зуҳурот ва рушди қобилияти эҷодкорӣ дар давраи томактабии рушди кӯдак.
2. Баррасии имкониятҳои рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ бозикунӣ.
3. Муайян кардани шароитҳои педагогии инкишоф додани қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакон дар бозиҳо.
4. Ташкилу баргузории кори озмоишӣ, таҷрибавӣ ва ошкор кардани технологияи рушди қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ.

Муҳаққиқ Рамазонов Давлат Сулаймонович мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли масъалаҳои мазмун, мундариҷа ва шароитҳои педагогии инкишоф додани қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакон дар бозиҳо, самтҳои асосӣ ва шароитҳои педагогии инкишоф додани қобилияти эҷодии кӯдакон, меъёрҳои ҳамкории педагогӣ таҳия ва баҳои воқеии сатҳи рушди эҷодии кӯдаконро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ низ дар таҳқиқоти худ роҳандозӣ намудааст.

Падидаи **навгонӣ** ва бозёфти илмии рисола ба он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш:

- масъалаи рушди маҳорат, қобилият, эҷодкорӣ дар кӯдакон бо воситаи мусиқӣ ва бозикунӣ дар Тоҷикистон дар асоси баҳисобгирии таҳқиқоти илмӣ ва арзишҳои маънавии миллӣ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода шуд;

- дар зинаи баҳисобгирии хусусиятҳои синусолии кӯдакон ғояҳои консентуалӣ коркард ва амалӣ гардидаанд;

- назария ва амалияи мувофиқат кардан ва мусоидат намудани фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ ба инкишофи қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакон пайгирӣ карда шуд;

- барои бомуваффақият инкишоф ёфтани фаъолияти мусиқӣ роҳу усулҳои нави ташкили онро ёфтан лозим аст. Ба раванди таълиму тарбия ворид намудани бозиҳои миллии мусиқии кӯдакон дар ҳаёти ҳаррӯза фаъолона истифода бурдани онҳо мусоидат мекунад.

**Дар нуктаҳои ба дифоъ** пешниҳоднамудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводи назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби муаллифи рисола дар раванди таҳқиқи мавзуи пажӯҳишаванда як қатор таҳлилҳо ва хулосаҳои ҷолиби назар оварда шудаанд. Андешаронии муаллифи рисола дар бораи он, ки дар як вақт омилҳои таъсиркунанда ба ин раванд: ирсият, таъсири муҳити иҷтимоӣ, таъсиррасонии мақсадноки тарбиявӣ, дар пайдоиш, зуҳурот ва рушди онҳо эътироф карда шудаанд. Он чун масъалаи муҳимму ҳалталаб мавриди омӯзишу баррасии муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илмҳои муосир гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, истифодаи мақсадноки асосҳои методологӣ ва назариявии масъалаи таҳқиқшаванда, интихоби дурусти методҳои назариявӣ ва эмперикӣ, амалии кори таҳқиқотӣ, ки онҳо ба амалӣ гаштани мақсад, вазифа, фарзияи илмӣ мусоидат намуданд; таҳлилу баррасии таҷрибаи амалии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва шароиту имкониятҳои педагогӣ, психологи онҳо, ки ба иҷрои вазифаҳои барномавӣ мутобиқат намуданд; таҳлилу натиҷагирӣ аз кори озмоишӣ, ки тибқи онҳо фарзияҳои илмӣ тасдиқ гардиданд; донишу маълумоти

тахассусии муҳаққиқ, фаъолияти касбӣ – педагогӣ дар низоми таълими томактабӣ таъмин гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** мундариҷа ва муҳтавои кори диссертатсионӣ ба шаҳодатномаи ихтисоси илмии 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (аз руи самт ва соҳаи фаъолият) 13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла банди 1 – назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактадӣ ва банди 11 коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илми асосноки тарбия ва таълими кӯдакони мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро** ташкил медиҳад:

Дар заминаи таҳлилу баррасии таҳқиқоти илмии муосир, заминаҳои барномавӣ методии фаъолияти МТТ, низоми тарбия ва инкишофдиҳии қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакон муайян ва баррасӣ карда шуданд, ки онро омӯзгорони мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо мураббия дар фаъолияти таълимию тарбиявии худ вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии тарбиятгирандагон аз шароиту имкониятҳои педагогии худ ба таври эҷодӣ истифода бурда метавонанд. Таҳқиқот метавонад барои коркард, таҳия ва омода намудани дастурҳои таълимию методӣ барои кормандони муассисаҳои томактабӣ, махсусан, мураббия ва омӯзгорони мусиқӣ мусоидат намуда, дар пешрафти назария ва амалия психологияи бачагона, педагогикаи томактабӣ, ташкилу роҳбарӣ ба фаъолиятҳои кӯдакон, таълими фанни назария ва методикаҳои тарбияи мусиқии кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбии педагогӣ ҳиссагузор гардад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз инҳо иборат аст: зарурати амалигардонии мақсаду вазифаҳои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ – эҷодии кӯдакон бо истифодаи бозиҳо кормандони муассисаҳои томактабӣ исбот карда шуд, инчунин имкониятҳои истифодабарии бозиҳои халқӣ, фолклори бачагон, мусиқӣ шеъру таронаҳои кӯдакона фаъолиятҳои якҷояро дар таълиму тарбия, эҷодкорию иҷтимоишавии кӯдакон нишон дода шуд.

Дар заминаи таҳлилу коркарди натиҷаҳои корҳои озмоишӣ тавсияҳои психологӣ, педагогӣ таҳия ва коркард шуданд, ки онҳо ба беҳдошти раванди корҳои таълиму тарбиявӣ, ташкилу роҳбарӣ ба фаъолиятҳои мусиқию бозиҳо ва инкишофёбии қобилияти эҷодию мусиқии кӯдакон мусоидат менамояд.

Эҷодкорӣ як намуди нодири фаъолияти зеҳнӣ мебошад, ки дар ҷараёни он аз нав дида баромадани таҷрибаи гузашта ва эҷоди чизи нав

сурат мегирад. Дар синни томактабӣ қобилиятҳои эҷодӣ ҳамчун хусусиятҳои фарққунандаи инкишофи равонии кӯдак ва сифати шахсияти фардӣ дар ҷараёни бозӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишии муаллиф равшану возеҳ нишон доданд, ки дар амалия истифодаи усулҳои рушди қобилиятҳои эҷодӣ, ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии томактабиён мебошад, зеро истифода аз онҳо машғулиятро шавқовар ва замонавӣ мегардонанд.

Дар натиҷаи омӯзиши асосҳои илмӣ-назариявӣ ва гузориши корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба мавзуи пажӯҳиш, муаллиф имконият пайдо намудааст, ки сатҳи қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабиро муайян намуда, хулосаю тавсияҳои асоснок ва муҳими илмӣ коркард намояд.

Муаллифи рисола Рамазонов Д.С. дар ҷараёни таҳлили маводи бисёр ва пурарзиши гирдовардааш барои эътимод бахшидан ба андешаронии хеш бо осори таҳқиқии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз маъхазҳои гирдовардааш иқтибосҳо овардааст.

Хеле бамаврид аст, ки саҳми шахсии довталабро барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар соҳаи таҳқиқот бо таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилот, пайвастагии мувофиқи тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ муайян карда мешавад. Таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумоти бадастомада, истифодаи маҷмуи усулҳои марбут ба ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиш, ҷиҳати ташаккули усулҳои рушди қобилиятҳои эҷодӣ, бозиҳо, презентатсияҳо, ки ба рушди шахсияти кудакони синни томактабӣ мусоидат мекунанд, собит менамояд.

Натиҷаҳои ҳосилшуда метавонад чун базаи иттилоотӣ барои таҳияи монография ва дастурҳои таълимӣ - методӣ аз рӯйи мавзуи марбут ба шароитҳои педагогии қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ истифода шаванд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи асосӣ ва феҳристи адабиёти таҳқиқӣ иборат аст.

Муаллифи рисола дар муқаддима оид ба мубрамии масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш ва сарчашмаи мавод, навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот мулоҳизаронӣ кардааст.

**Боби якуми рисола** ба "Асосҳои назариявӣ ва амалии инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ" бахшида шуда, он аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали боби мазкур масъалаи, "Инкишофи қобилияти кӯдакон ҳамчун проблемаи психологӣ ва педагогӣ" таҳлил карда шудаанд.

Дар пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа дар ҳамаи давру замонҳо шахсони алоҳида, ки маҳорату қобилият, лаёқату истеъдоди эҷодкорӣ доранд, ҳиссагузор будан ва дар ҷомеаи тезтағйирёбандаи кунунӣ низ ин падидаро нодида гирифтан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, доир ба масъалаи қобилиятнокӣ, лаёқатмандӣ, соҳибистеъдодии инсон фикру ақида, муносибату баррасии андеша, назария, консепсия, роҳёфти гуногун арзи вуҷуд доштанд ва доранд.

**Дар зербоби дуюми боби якуми рисола** "Хусусиятҳои инкишофи қобилияти мусиқию эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ" масъалаҳои инкишоф додани қобилияти кӯдакон махсусан дар соҳаи эҷодиёти мусиқӣ ва роҳҳои такмили онҳо бахшида шудааст. Дар ин боб қайд карда мешавад, ки таълиму тарбияи мусиқӣ, масъалаҳои такмили маҳорати мусиқӣ ва эҷодӣ дар афкори адабӣ ва педагогии мутафаккирони тоҷику форс мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Мавқеи мусиқӣ дар ҳаёти инсон, аҳаммият ва зарурати он дар ташаккули ҷаҳони маънавии кӯдакон, роҳу усулҳои таълими мусиқӣ, инкишофи мусиқию эҷодӣ аз нуқтаи назари Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Унсурул маолии Кайковус, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон маълумотҳо ҷамъовари карда шудааст.

**Дар зербоби сеюми боби аввал** масъалаи "Имконияти истифодаи бозиҳо дар тарбия ва инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон" мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, ки дар он Созмони Миллали Муттаҳид ҳуқуқ ба бозикунӣ доштани кӯдаконро ҳамчун ҳуқуқи арзишманд ва дахлнопазири ҳар як кӯдак эълон намуд, қонунан вазифаи инкишоф додани шахсияти ӯро муаррифӣ намуд. Ин ба зиёд намудани таваҷҷуҳ ва имконияти муҳаққиқони ватанию хориҷиро ба таҳқиқу баррасии масъалаҳои нақши бозиҳо дар ҳаёти кӯдакон мусоидат менамуд.

**Боби дувум ба мавзуи** “Технологияи инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томатабӣ дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ” бахшида шудааст. Дар зербоби якуми боби дувум мавзуи “Заминаҳои барномавӣ-методии инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ” маълумот гирдоварӣ гардидааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки қобилияту лаёқатмандии кӯдакон ҳанӯз аз давраи томактабӣ (то-7 солагӣ) зоҳир мегарданд ва зери таъсиррасонии мақсадноки калонсолон инкишоф меёбад. Лаёқатмандӣ ягонагии қобилиятҳои умумии инсон аст, ки фосилаи байни имкониятҳои зеҳнӣ, сатҳи иҷро намудан, дараҷа ва хусусиятҳои фаъолияти ӯро муайян мекунад.

Истеъдод бошад дараҷаи олии рушди қобилияти кӯдакон буда, дар иҷрои фаъолияти муайян (эҷодӣ, мусиқӣ, созандагарой, омӯхтани фанҳо ва ҳокасо) ифода мегардад. Аз таҳлили сарчашмаҳо илмӣ дар рисолаи илмӣ маълум ҳудааст, ки масъалаҳои қобилияти мусиқӣ ва эҷодии бештар ба кӯдакони таҳсилоти томактабӣ таалуқ доранд, зеро тафсирҳои гуногунро дар бораи истеъдоди кӯдакон баррасӣ карда шудааст. Дар аксари мавридҳо онҳо аз рӯи шартҳои ирсӣ ва модарзодӣ меоянд. Дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ қобилияту лаёқатмандӣ ин ҷараёнест, ки и тағйир меёбанд ва такмил дода мешавад. Он метавонад зери ин ё он омилҳо ҳатто хомӯш гардад ва ё дар наслҳои дуюму сеюм зоҳир гардад, такмил ёбад ва ба соҳибаш эътирофу нуфузи махсус бахшида, ӯро ба шахсияти шинохтаи ҷаҳонӣ дар ҷодаи эҷоду бунёдкорӣ мубаддал созад.

**Дар зербоби дуюм масъалаи** “Омӯзиши ташхисии вазъи рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолияти бозӣ” мавриди таҳқиқ пешниҳод карда шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки кӯдакони синни томактабӣ дар ҷараёни азхуд кардани мусиқӣ қобилияти зебоипарастӣ ва эҷодкорӣ ворид намуданро ва бо ин восита ҷаҳонбинии кӯдаконро бой гардонида, муносибат андеша ва ғояҳои навро барои тавлиду амалӣ гардондан кӯшиш намудаст. Фаъолияти мусиқӣ бо бозикунӣ ба рушди эҷодкорӣ ва ҷисмонии кӯдак таъсир расонда, бо воситаи бозӣ ба ақиб, паҳлуи росту чап бо суръати муайян дар ҳамоҳангӣ бо матни суруду мусиқӣ, хаму рост шудан, тоб додани ҷисм ва ғайра) инкишоф ёфтаанд, ки кулли ҳаракаткуниҳо на танҳо ба солимии равонию ҷисмонӣ, инчунин шаклгирии қадду қомати мавзун, роҳгардии зебо, тез мутобиқшавӣ ба иҷрои ҳаракату амалҳои зарурӣ мусоидат намуданд.

Бозиҳои мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мувофиқи хусусиятҳои хоси онҳо метавонад хеле самаранок бошад. Ин ба рушди хаёлот, ки асоси тавоноии эҷодии кӯдак аст, мусоидат мекунад. Зуҳури фаъолияти эҷодии кӯдакон ба ӯ имкон медиҳад, ки ҷаҳони атрофро беҳтар дарк кунад ва ҷаҳони ботинии худро ошкор кунад. Эҷодиёти мусиқии кӯдакони синни томактабӣ дар инкишофи шахсияти кӯдакон нақши бениҳоят муҳим ҳисобида мешавад. Ин падида метавонад дар шаклҳои гуногуни эҷодиёти мусиқӣ, аз қабили санъати сурудхонӣ, иҷрои рақс ва навохтани асбобҳои мусиқии кӯдакона ифода ёбад.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳққот мувофиқанд, мувофиқ карда шуданд. Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Арзёбии муҳими диссертатсия на танҳо дар мураттабии баёни фикр ва забони фасеҳи он, баёни мантиқии фикр ва ақидаҳои асоснокро мансуб донистан, инчунин дар пешниҳодҳое, ки метавонанд ба сифати дастовардҳои нави илмӣ дар соҳаи илми педагогика дониста шаванд, ифода меёбад. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ - озмоишии баргузорнамудаи Рамазонов Давлат Сулаймонович, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштагшударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин карда шудааст.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ:**

1. Дар рисола таҳлили Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ мушоҳида нагардид. Дар ин бобат довталаби дараҷаи илмӣ фикру ақидаи худро иброз медошт, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид. Ин арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзунтар менамуд.

2. Муҳаққиқ мебоист Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 202-2025, Барномаи тарбия, таълим

ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон”-ро ба таври васеътар мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, таъмин намудани инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ тибқи талаботи санадҳои мазкур мавриди таҳқиқ қарор медод. Дар ин маврид ба мақсаду вавифаҳои гузоштааш бештар ноил мегардид.

3. Хуб мешуд, ки ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо оила барои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ мавриди назар қарор мегирифт.

4. Хатогиҳои услубӣ ва техникӣ дар баъзе ҷумлаҳо мавриди истифода қарор дода шудааст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

Мазмуну мухтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 25 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 3 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

**ХУЛОСА**

1.Диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаашуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Рамазонов Давлат Сулаймонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи

тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарифиён Муқаддас Холиқзода мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" 12 нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 12 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" аз 25.04.2025, №8).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" — Собирова Назира Солиҷоновна

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, дотсенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабӣ — Шарифиён Муқаддас Холиқзода

Котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ - назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Рӯзиева Мавлюда Давроновна

Имзои М.Шарифиён, Н.Собирова ва Рӯзиева М.Д.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ____________ Сайдуллозода З.С.